# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи химия ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Исмоилова Мубореакби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия)**

Рисолаи илмии Исмоилова Муборакби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ ,таҳсилоти касбӣ (химия).

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Парлумони кишвар аз 21 декабри соли 2021 чунин гуфтанд: «Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем».

Дастуру супоришҳои сарвари муаззами мамлакат аз дастандаркорони соҳаи маориф, алалхусус, аз донишмандони макотиби олии самти педагогӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони болаёқатро тақозо намуда, бо натиҷаҳои ба дастомада маҳдуд нашудан, ба сифати таълиму тадрис бештар эътибор додан ва таъмини омӯзиш ва парвариши омӯзгорони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро ба миён мегузорад.

Даҳсолаи охири асри XX ва оғози асри XXI солҳои рушду инкишофи таҳаввулоти илмӣ-техникӣ, воситаю методҳои иттилоотӣ, технологияи коммуникатсионӣ-ахборотӣ маҳсуб ёфта, дар сохтору соҳаҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои навию бунёдӣ ва марҳилаҳои навгонию

навоварӣ оғоз гардиданд ва Ҷумҳурии мо низ чун дигар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ба раванд ва фазои ягонаи таҳсилоти умумибашарӣ, яъне низоми таълими кредитӣ шомил гардид. Дар ин марҳила дар азнавсозӣ, ислоҳот ва такмили нақшаю барномаҳои таълимии фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, дақиқ ва техникӣ, аз ҷумла фанҳои химия, бо мурури замон тағйироту навгониҳои илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва санаду меъёрҳои ҳуқуқии муосир ва назаррас арзёбӣ гардиданд.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, рӯйхати адабиётҳо ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима интихоб ва зарурати мавзуи интихобшуда асонок карда шуда, мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқарар гардида, навигариҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, муқарароти асосии ба ҳимоя пешниҳодгашта, асоснок карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» аз се зербанд ва хулоса иборат буда, дар он натиҷаи омӯзишу таҳлил ва таҳқиқотҳои олимони бурунмарзӣ Л.А. Светков, Н.Е Кузнецова, С.И Созонов, А.А. Грабецкий, В.Н. Лавров, Г.А. Подкоритов, Б.Г. Анаев, В.С. Полосин, А.М. Бутлеров, Д.И. Менделеев, Г.И. Руздвинг, Ю.К. Бабанский ашъори ниёгон-кимиёшиносон Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Абуали ибни Сино, Ҷобир ибни Ҳайёни Тусӣ ва олимону муҳаққиқони муосири тоҷик С.Г. Бандаев, У.З. Зубайдов, Р. Қиматов, С. Холназаров, Ғ. Бобизода, Л. Солиев мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар боби мазкур инчунин мо банду қисматҳои химияи умумӣ, барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии омӯзгорӣ, роҳу усулҳо, методҳои таълимӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар ҷараёни омӯзиши химия, аз нигоҳи педагогӣ ва дидактикӣ, дар курсҳои 1, 2 ва 3-юми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, дар доираи озмоишҳои педагогиро (буришҳои педагогӣ: 2017-2018, 2019-2020, 2020-2021) тавсифу баррасӣ намудаем.

Боби дуввуми диссертатсия «Истифодаи самараноки методҳои таълим дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия – асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» аз се зербанди аз ҷиҳати педагогӣ, дидактикӣ ва мантиқӣ пайдарпай иборат буда, дар он шарҳу баёни натиҷаҳои озмоишҳои (буришҳои) педагогӣ дар 3-марҳалаи таҳқиқот (2017-2018, 2019-2020 ва 2020-2021), дар гурӯҳҳои озмоишӣ (экспериментали) ва санҷишии (назоратӣ)

курсҳои 1, 2 ва 3-юми муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории касбии вилояти Хатлон, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ (ДДК), Донишгоҳи давлатии Данғара (ДДД) ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (ДДБ) оварда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар қатори маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидааст.

Ман итминон дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Исмоилова Мубораккби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02– Назария ва методикаи фанҳои табиӣ,таҳсилоти касбӣ (химия) ин оғози таҳқиқоти ҷиддӣ андар ҷодаи доманадори педагогика ва хусусан методикаи таълим ба шумор меравад ва Исмоилова Мубораккби Кенжаевна метавонад дар оянда пажуҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои биологӣ
ва фарматсевтӣ, академик, профессор Бобизода Ғ.М.

Имзои профессор Ғ.М. Бобизодаро
тасдиқ мекунам.Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТМ Тавқиев Э.Ш.

10-03-2023